# Стандарти ҳисоботи молиявии бахши давлатии Тоҷикистон 14 «Рӯйдодҳо пас аз санаи ҳисоботӣ»

**Мундарича**

Мундарича ........ 2
Таъиноти стандарт ........ 3
Ҳадаф ва соҳаи татбиқ ........ 3
Таърифҳо ........ 3
Санаи тасдиқи ҳисоботи молиявӣ барои нашр ........ 4
Эътироф ва баҳодиҳӣ ........ 4
Рӯйдодҳои тасҳеҳкунандаи пас аз санаи ҳисоботӣ ........ 4
Рӯйдодҳои тасҳеҳнакунандаи пас аз санаи ҳисоботӣ ........ 5
Суди саҳмияҳо ё пардохтҳои монанд ........ 6
Оид ба бефосилагии фаъолият ........ 6
Таҷдид ........ 7
Ифшои маълумот ........ 8
Ифшои маълумот оид ба бефосилагии фаъолият ........ 8
Ифшои санаи тасдиқ барои нашр ........ 8
Мушаххас намудани ифшои шартҳои мавҷуд дар санаи ҳисоботӣ ........ 9
Ифшои маълумот оид ба рӯйдодҳои тасҳеҳнакунандаи пас аз санаи ҳисоботӣ ........ 9
Санаи мавриди амал қарор додан ........ 10

## Таъиноти стандарт

Стандарти мазкур тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» таҳия шуда, ба СБББҶ 14 «Рӯйдодҳо пас аз санаи ҳисоботӣ» асос ёфтааст.

Стандарт тартиби эътироф, баҳодиҳӣ ва ифшои маълумотро нисбат ба рӯйдодҳое, ки байни санаи ҳисоботӣ ва санаи тасдиқи ҳисоботи молиявӣ барои нашр рух медиҳанд, муқаррар менамояд.

## Ҳадаф ва соҳаи татбиқ

1. Ҳадафи стандарти мазкур аз муқаррар намудани инҳо иборат мебошад:

а) дар кадом маврид ташкилот бояд ҳисоботи молиявии худро бо дарназардошти рӯйдодҳо пас аз санаи ҳисоботӣ тасҳеҳ намояд; ва
б) маълумоти ифшошаванда оид ба санаи тасдиқи ҳисоботи молиявӣ барои нашр ва рӯйдодҳо пас аз санаи ҳисоботӣ.

Стандарт ҳамчунин талаб менамояд, ки агар рӯйдодҳо пас аз санаи ҳисоботӣ нишон диҳанд, ки фарзия оид ба бефосилагии фаъолият татбиқнопазир аст, ҳисоботи молиявӣ бар ин фарзия таҳия нагардад.

## Соҳаи татбиқ

2. Ташкилоте, ки ҳисоботи молиявиро бо усули ҳисобу замкунӣ таҳия ва пешниҳод менамояд, бояд ин стандартро ҳангоми баҳисобгирӣ ва ифшои рӯйдодҳо пас аз санаи ҳисоботӣ татбиқ намояд.

## Таърифҳо

3. Дар стандарти мазкур мафҳумҳои зерин истифода мегарданд:

**Рӯйдодҳо пас аз санаи ҳисоботӣ** – рӯйдодҳои ҳам мусоид ва ҳам номусоид, ки байни санаи ҳисоботӣ ва санаи тасдиқи ҳисоботи молиявӣ барои нашр рух медиҳанд.

**Рӯйдодҳои тасҳеҳкунандаи пас аз санаи ҳисоботӣ** – рӯйдодҳое, ки шароити мавҷудаеро дар санаи ҳисоботӣ тасдиқ мекунанд.

**Рӯйдодҳои тасҳеҳнакунандаи пас аз санаи ҳисоботӣ** – рӯйдодҳое, ки шароити ба вуҷудомадаро пас аз санаи ҳисоботӣ нишон медиҳанд.

**Санаи ҳисоботӣ** – рӯзи охирини давраи ҳисоботӣ, ки ҳисоботи молиявӣ ба он марбут аст.

**Санаи тасдиқи ҳисоботи молиявӣ барои нашр** – санаи имзои ҳисоботи молиявӣ аз ҷониби шахс ё мақоме, ки ваколатдор аст. Агар ҳисоботи молиявӣ аз ҷониби якчанд шахс ё мақом тасдиқ карда шавад, санаи дертарини имзо ҳамчун санаи тасдиқ барои нашр ба ҳисоб меравад.

Мафҳумҳое, ки дар дигар СҲМБДТ истифода мешаванд, дар ҳамин стандарт низ бо ҳамон маъно истифода мегарданд.

**Санаи тасдиқи ҳисоботи молиявӣ барои нашр**

4. Санаи тасдиқи ҳисоботи молиявӣ барои нашр санаи имзои ҳисоботи молиявӣ аз ҷониби шахс ё мақоме мебошад, ки ваколатдор аст онро барои нашр тасдиқ намояд.

5. Масъулияти тасдиқи ҳисоботи молиявии ташкилотҳои алоҳидаи бахши давлатӣ ба зиммаи сардори мақомоти молиявӣ ё сармуҳосиб ва роҳбари ташкилот гузошта мешавад.

**Эътироф ва баҳодиҳӣ**

6. Дар давраи байни санаи ҳисоботӣ ва санаи тасдиқ барои нашр шахсони масъули давлатӣ метавонанд ниятҳои ҳукуматро дар робита ба баъзе масъалаҳо эълон намоянд. Зарурати эътирофи чунин ниятҳои ҳукумат ҳамчун рӯйдодҳои тасҳеҳкунанда ба ин вобаста аст:

а) оё онҳо маълумоти иловагӣ оид ба шароити мавҷударо дар санаи ҳисоботӣ пешниҳод мекунанд; ва
б) оё далелҳои кофӣ мавҷуданд, ки ин ниятҳо метавонанд ва ҳатман амалӣ мегарданд.

Дар аксари ҳолатҳо эълони ниятҳои ҳукумат ба эътирофи рӯйдодҳои тасҳеҳкунанда намебарад. Онҳо, одатан, бояд ҳамчун рӯйдодҳои тасҳеҳнакунанда ифшо гарданд.

**Рӯйдодҳои тасҳеҳкунандаи пас аз санаи ҳисоботӣ**

7. Ташкилот бояд маблағҳои эътирофшударо дар ҳисоботи молиявӣ бо дарназардошти рӯйдодҳои тасҳеҳкунанда пас аз санаи ҳисоботӣ ислоҳ намояд.

8. Дар зер мисолҳои рӯйдодҳои тасҳеҳкунандаи пас аз санаи ҳисоботӣ оварда мешаванд, ки ташкилот уҳдадор аст онҳоро тавассути тасҳеҳи маблағҳои дар ҳисоботи молиявӣ эътирофшуда ё тавассути эътирофи моддаҳои қаблан эътирофнашуда инъикос намояд:

а) анҷоми мурофиаи судӣ пас аз санаи ҳисоботӣ, ки мавҷудияти уҳдадории амалкунандаро дар санаи ҳисоботӣ тасдиқ менамояд.

Дар ин ҳолат, ташкилот бояд уҳдадории баҳоии қаблан эътирофшударо тибқи СҲМБДТ 19 «Захираҳо, уҳдадориҳои шартӣ ва дороиҳои шартӣ» ислоҳ намояд ё уҳдадории баҳоии нав эътироф кунад. Танҳо ифшои уҳдадории шартӣ кофӣ нест, зеро анҷоми мурофиаи судӣ далелҳои иловагӣ пешниҳод мекунад, ки бояд тибқи банди 11 СҲМБДТ 19 ба ҳисоб гирифта шаванд;

б) гирифтани маълумот пас аз санаи ҳисоботӣ, ки нишон медиҳад дороӣ дар санаи ҳисоботӣ беқурб шудааст ё зарурати тасҳеҳи зарари қаблан эътирофшуда вуҷуд дорад. Масалан:
   i. муфлисшавии қарздор пас аз санаи ҳисоботӣ, ки одатан зарари мавҷударо аз ҳисоби қарзи дебиторӣ дар санаи ҳисоботӣ тасдиқ мекунад ва зарурати тасҳеҳи арзиши тавозунии қарзи дебиториро ба миён меорад;
   ii. фурӯши захираҳои молию моддӣ пас аз санаи ҳисоботӣ метавонад манбаи маълумот оид ба нархи имконпазири софи фурӯш дар санаи ҳисоботӣ гардад;

в) муайян кардани арзиши ибтидоии дороиҳо пас аз санаи ҳисоботӣ, агар онҳо то санаи ҳисоботӣ ба даст оварда шуда бошанд, ё муайян кардани маблағи даромад аз фурӯши дороиҳо, ки то санаи ҳисоботӣ фурӯхта шудаанд;

г) муайян кардани маблағи даромад пас аз санаи ҳисоботӣ, ки дар давраи ҳисоботӣ ба даст омадааст ва тибқи созишномаи тақсимоти даромад бо ҳукумати дигар бояд тақсим карда шавад;

д) муайян кардани маблағи мукофотпулиҳои кормандон пас аз санаи ҳисоботӣ, агар ташкилот дар санаи ҳисоботӣ уҳдадории ҳуқуқӣ ё анъанавӣ барои пардохти онҳо дошта бошад ва ин мукофотҳо дар натиҷаи рӯйдодҳои то санаи ҳисоботӣ ба миён омада бошанд;

е) ошкор гардидани ҳолатҳои қаллобӣ ё хатоиҳо, ки нишон медиҳанд ҳисоботи молиявӣ нодуруст таҳия шудааст.

Агар рӯйдоди тасҳеҳкунанда ба якчанд моддаи ҳисоботи молиявӣ таъсир расонад, ҳамаи моддаҳои дахлдор бояд мутобиқона тасҳеҳ карда шаванд.

**Рӯйдодҳои тасҳеҳнакунандаи пас аз санаи ҳисоботӣ**

9. Ташкилот набояд маблағҳои эътирофшударо дар ҳисоботи молиявӣ барои инъикоси рӯйдодҳои тасҳеҳнакунандаи пас аз санаи ҳисоботӣ тасҳеҳ намояд.

10. Мисолҳои зерин ба рӯйдодҳои тасҳеҳнакунандаи пас аз санаи ҳисоботӣ дохил мешаванд:

а) паст шудани арзиши одилонаи амволи ғайриманқул дар давраи байни санаи ҳисоботӣ ва санаи тасдиқи ҳисоботи молиявӣ барои нашр, агар ташкилот сиёсати азнавбаҳогузории мунтазами воситаҳои асосиро бо арзиши одилона қабул карда бошад. Коҳиши

арзиши одилона, одатан, бо вазъи амволи ғайриманқул дар санаи ҳисоботӣ алоқаманд нест, балки ҳолатҳои баъдан баамаломадаро инъикос мекунад. Бинобар ин, сарфи назар аз сиёсати азнавбаҳогузории мунтазам, ташкилот маблағҳои дар ҳисоботи молиявӣ эътирофшударо вобаста ба амволи ғайриманқул ислоҳ намекунад. Ба ҳамин монанд, ташкилот маълумот оид ба арзиши воситаҳои асосиро, ки дар санаи ҳисоботӣ ифшо гардидааст, навсозӣ намекунад, гарчанде ифшои маълумоти иловагӣ метавонад тибқи банди 21 талаб карда шавад;

б) қарори ташкилоте, ки масъули идораи барномаҳои муайяни таъминоти иҷтимоӣ мебошад, пас аз санаи ҳисоботӣ, вале то санаи тасдиқи ҳисоботи молиявӣ барои нашр, оид ба пешниҳоди бевосита ё ғайримустақими имтиёзҳои иловагӣ ба иштирокдорони ин барномаҳо. Дар ин ҳолат ташкилот хароҷоти дар ҳисоботи молиявии давраи ҳисоботӣ эътирофшударо ислоҳ намекунад, гарчанде ки чунин имтиёзҳои иловагӣ метавонанд тибқи банди 21 ҳамчун рӯйдодҳои тасҳеҳнакунанда ифшо шаванд.

**Суди саҳмияҳо ё пардохтҳои монанд**

11. Агар суди саҳмияҳо ё пардохтҳои монанд ба нафъи соҳибон пас аз санаи ҳисоботӣ, вале то санаи тасдиқи ҳисоботи молиявӣ барои нашр эълон шаванд, онҳо дар санаи ҳисоботӣ ҳамчун уҳдадорӣ эътироф намешаванд, зеро дар он вақт чунин уҳдадорӣ вуҷуд надошт. Чунин суди саҳмияҳо ё пардохтҳои монанд дар тавзеҳот ба ҳисобот тибқи СҲМБДТ 1 ифшо карда мешаванд.

Суди саҳмияҳо ва пардохтҳои монанд ба баргардонидани сармоя дохил намешаванд.

**Оид ба бефосилагии фаъолият**

12. Ҳар як ташкилот бо дарназардошти омилҳои гуногун, аз ҷумла натиҷаҳои ҷории молиявӣ ва интизорӣ, бозсозии сохторҳо, эҳтимолияти идомаи маблағгузории давлатӣ (агар татбиқшаванда бошад) ва манбаъҳои эҳтимолии дигари маблағгузорӣ, бояд таҳлил намояд, ки фарзия оид ба бефосилагии фаъолият нисбат ба он татбиқшаванда мебошад ё не.

Ташкилот набояд ҳисоботи молиявиро бар асоси фарзия оид ба бефосилагии фаъолият тартиб диҳад, агар пас аз санаи ҳисоботӣ шахсони масъули таҳияи ҳисоботи молиявӣ ё мақоми идоракунӣ қарор қабул намоянд:

а) ташкилотро барҳам диҳанд ё фаъолияти онро қатъ кунанд; ё
б) огоҳ бошанд, ки ҷойгузини воқеӣ ба ин қарор вуҷуд надорад.

Агар фарзия оид ба бефосилагии фаъолият дигар татбиқнопазир бошад, ҳисоботи молиявӣ бояд дар асоси дигар (масалан, арзиши фурӯш ё арзиши барҳамдиҳӣ) таҳия гардад ва асоси интихобшуда ифшо карда шавад. Барои ташкилотҳое, ки фаъолияти онҳо асосан аз ҳисоби буҷет маблағгузорӣ мегардад, масъалаи бефосилагии фаъолият танҳо дар ҳолате ба миён меояд, ки ҳукумат нияти қатъи маблағгузориро эълон намояд.

13. Баъзе ташкилотҳои бахши давлатӣ, гарчанде ки ташкилоти тиҷоратӣ нестанд, метавонанд маҷбур бошанд фаъолияти худро пурра ё қисман аз ҳисоби худ таъмин намоянд, яъне хароҷоти молҳо ва хизматрасониҳоро аз ҳисоби пардохтҳои истифодабарандагон пушонанд. Барои чунин ташкилотҳо бад шудани натиҷаҳои молиявӣ ё ҳолати молиявӣ пас аз санаи ҳисоботӣ метавонад нишон диҳад, ки лозим аст татбиқи фарзия оид ба бефосилагии фаъолият бознигарӣ гардад, бахусус агар манбаъҳои дигари маблағгузорӣ ё дастгирии давлатӣ вуҷуд надошта бошанд.

14. Агар фарзия оид ба бефосилагии фаъолият татбиқнопазир гардад, ин стандарт талаб менамояд, ки чунин ҳолат дар ҳисоботи молиявии ташкилот инъикос гардад. Таъсири ин тағйирот аз шароити мушаххаси ташкилот вобаста хоҳад буд, масалан, оё вазифаҳои ташкилот ба дигар ташкилоти бахши давлатӣ интиқол дода мешаванд, фурӯхта мешаванд ё барҳам дода мешаванд. Ҳангоми муайян намудани зарурати ворид намудани тағйирот ба арзиши тавозунии дороиҳо ва уҳдадориҳо мулоҳизаи касбӣ зарур мегардад.

15. Агар фарзия оид ба бефосилагии фаъолият татбиқнопазир гардад, инчунин бояд баррасӣ шавад, ки оё ин тағйирот боиси пайдоиши уҳдадориҳои иловагӣ ё татбиқи шартҳои шартномаҳои қарзӣ намегардад, ки метавонанд ба таснифи нави баъзе қарзҳо ҳамчун уҳдадориҳои кутоҳмуддат оварда расонанд.

**Таҳдид**

16. Агар таҳдид, ки пас аз санаи ҳисоботӣ эълон шудааст, ба таърифи рӯйдоди тасҳеҳнакунанда мутобиқат намояд, мувофиқи ин стандарт маълумоти зарурӣ бояд ифшо карда шавад. Тартиби эътирофи уҳдадориҳои баҳоие, ки бо таҳдид вобастаанд, дар СҲМБДТ 19 «Захираҳо, уҳдадориҳои шартӣ ва дороиҳои шартӣ» оварда шудааст.

Худи эълони таҳдид танҳо ба он асос, ки таҳдид фурӯши қисми сармояро дар бар мегирад, зарурати шубҳа овардан ба қобилияти ташкилот барои бефосилагии фаъолиятро ба вуҷуд намеорад.

Аммо, агар таҳдиде, ки пас аз санаи ҳисоботӣ эълон шудааст, маънои онро дошта бошад, ки ташкилот дигар наметавонад фаъолияти бефосиларо идома диҳад, дар ин сурат хусусият ва ҳаҷми дороиҳо ва уҳдадориҳои эътирофшуда метавонанд тағйир ёбанд.

**Ифшои маълумот**

**Ифшои маълумот оид ба бефосилагии фаъолият**

17. СҲМБДТ 1 талаб мекунад, ки дар ҳолатҳои зерин маълумоти муайян ифшо карда шавад:

а) агар ҳисоботи молиявӣ бар асоси фарзия оид ба бефосилагии фаъолият тартиб дода нашуда бошад. Дар чунин ҳолатҳо, СҲМБДТ 1 талаб мекунад, ки ин ҳолат бо нишон додани асосе, ки ҳисоботи молиявӣ бар он таҳия шудааст ва сабабҳое, ки чаро ташкилот ҳамчун нотавон дар бефосилагии фаъолият шинохта мешавад, ифшо карда шавад; ё

б) агар шахсони масъули таҳияи ҳисоботи молиявӣ аз мавҷудияти номуайяниҳои муҳимме бо рӯйдодҳо ё шароитҳо алоқаманд огоҳ бошанд, ки метавонанд қобилияти ташкилотро барои бефосилагии фаъолият зери шубҳаи ҷиддӣ гузоранд. Рӯйдодҳо ё шароитҳое, ки ифшои онҳо зарур аст, метавонанд пас аз санаи ҳисоботӣ ба вуҷуд оянд. СҲМБДТ 1 талаб мекунад, ки чунин номуайяниҳо ҳатман ифшо шаванд.

**Ифшои санаи тасдиқ барои нашр**

18. Ташкилот бояд санаи тасдиқи ҳисоботи молиявиро барои нашр ва номи мақоме, ки онро тасдиқ кардааст, ифшо намояд.

Агар мақомоти дигар ваколат дошта бошанд пас аз нашр ба ҳисоботи молиявӣ тағйирот ворид кунанд, ташкилот бояд ин ҳолатро низ ифшо кунад. Ҳамчунин бояд ифшо карда шавад, ки мақомоти мазкур оё ҳуқуқи бозпас гирифтани ҳисоботи молиявиро дорад ё ин ки танҳо дорои ҳуқуқи ворид намудани тағйирот мебошад.

19. Барои истифодабарандагон донистани санаи тасдиқи ҳисоботи молиявӣ барои нашр муҳим аст, зеро рӯйдодҳо пас аз ин сана ба ҳисоб гирифта намешаванд.

Истифодабарандагон ҳамчунин бояд огоҳ бошанд, ки дар кадом ҳолатҳои истисноӣ шахсон ё мақомот ҳуқуқ доранд пас аз нашр ба ҳисоботи молиявӣ тағйирот ворид намоянд.

Мисолҳои чунин мақомот метавонанд вазирон, ҳукумате, ки ташкилот ба таркиби он дохил аст, Маҷлиси миллӣ ё дигар мақоми намояндагии интихобӣ бошанд.

Агар тағйирот ворид карда шаванд, ҳисоботи молиявии ислоҳшуда ҳамчун маҷмуи нави ҳисоботҳои молиявӣ ба ҳисоб меравад. Дар чунин ҳолат

ташкилот бояд санаи нави тасдиқ ва хусусияти асосии тағйиротро алоҳида ифшо намояд.

**Мушаххас намудани ифшои шартҳои мавҷуд дар санаи ҳисоботӣ**

20. Агар пас аз санаи ҳисоботӣ, вале то санаи тасдиқи ҳисоботи молиявӣ барои нашр, ташкилот оид ба шароите маълумот гирад, ки дар санаи ҳисоботӣ мавҷуданд, вай бояд маълумоти ифшошавандаро бо дарназардошти ин маълумоти нав дақиқ намояд.

21. Дар баъзе ҳолатҳо ташкилот бояд маълумоти ифшошавандаро дар ҳисоботи молиявӣ барои инъикоси маълумоте, ки пас аз санаи ҳисоботӣ, вале то санаи тасдиқ барои нашр ба даст омадааст, мушаххас намояд, ҳатто агар ин маълумот ба маблағҳои эътирофшуда дар ҳисоботи молиявӣ таъсир нарасонад.

Масалан, лозим аст маълумоти ифшошаванда дақиқ карда шавад, агар пас аз санаи ҳисоботӣ маълумоте пайдо шавад, ки мавҷудияти уҳдадории шартиро дар санаи ҳисоботӣ тасдиқ мекунад. Ғайр аз муайян намудани зарурати эътирофи уҳдадории баҳоӣ, ташкилот бояд ифшои маълумотро оид ба уҳдадории шартӣ бо дарназардошти ин маълумоти нав дақиқ намояд.

Агар маълумоти нав нишон диҳад, ки фарзия оид ба идомаи фаъолият дигар қобили татбиқ нест, ташкилот бояд асоси таҳияи ҳисоботи молиявиро тағйир дода, ин ҳолатро пурра ифшо намояд.

**Ифшои маълумот оид ба рӯйдодҳои тасҳеҳнакунандаи пас аз санаи ҳисоботӣ**

22. Агар рӯйдодҳои тасҳеҳнакунандаи пас аз санаи ҳисоботӣ муҳим бошанд, пинҳон доштани маълумот оид ба онҳо метавонад ба қарорҳои иқтисодии истифодабарандагон, ки бар асоси ҳисоботи молиявӣ қабул мешаванд, таъсир расонад. Аз ин рӯ, ташкилот бояд барои ҳар як гурӯҳи муҳимми рӯйдодҳои тасҳеҳнакунандаи пас аз санаи ҳисоботӣ маълумоти зеринро ифшо намояд:

а) хусусияти рӯйдод; ва
б) баҳогузории ҳисобӣ оид ба оқибатҳои молиявии он ё баён доштани имконоти набудани чунин баҳогузорӣ.

23. Мисолҳои зер одатан ба рӯйдодҳои тасҳеҳнакунандаи пас аз санаи ҳисоботӣ дохил мешаванд, ки ба ифшои ҳатмии маълумот оварда мерасонанд:

а) коҳиши ғайримаъмулии бузурги арзиши воситаҳои асосӣ, ки бо арзиши одилона ба ҳисоб гирифта шудаанд, агар ин коҳиш бо ҳолати воситаҳои асосӣ дар санаи ҳисоботӣ алоқаманд набошад ва аз ҳолатҳои пас аз санаи ҳисоботӣ баамаломада сарчашма гирад;

б) қарори ташкилот пас аз санаи ҳисоботӣ оид ба пешниҳоди мустақим ё ғайримустақими имтиёзҳои иловагии назаррас ба иштирокдорони барномаҳои иҷтимоии идорашаванда, агар ин имтиёзҳо ба ташкилот таъсири калони молиявӣ расонанд;
в) муттаҳидсозии бузург дар бахши давлатӣ (СҲМБДТ 40 «Муттаҳидсозӣ дар бахши давлатӣ» талаб мекунад, ки дар чунин ҳолатҳо маълумоти мушаххас ифшо гардад), хориҷшавии корхонаи калони зери назорат ё ба аутсорсинг супоридани ҳамаи ё қариб ҳамаи намудҳои фаъолияти корхона пас аз санаи ҳисоботӣ;
г) эълони нақшаҳо оид ба қатъи фаъолият ё барномаи бузург;
д) харид ё фурӯши бузурги дороиҳо, таснифи дороиҳо ҳамчун «барои фурӯш пешбинишуда», дигар навъҳои хориҷшавии дороиҳо ё азхудкунии воситаҳои асосӣ аз тарафи ташкилотҳои дигари бахши давлатӣ;
е) нобуд шудани бинои асосӣ дар натиҷаи сухтор пас аз санаи ҳисоботӣ;
ж) эълон ё оғоз гардидани таҷдиди бузург (СҲМБДТ 19 «Захираҳо, уҳдадориҳои шартӣ ва дороиҳои шартӣ»);
з) қабули қонунгузорӣ оид ба бахшидани қарзҳое, ки ба ташкилотҳо ё шахсони воқеӣ дар доираи барнома дода шудаанд;
и) тағйироти ғайримаъмулан калон дар нархҳои дороиҳо ё қурби асъор пас аз санаи ҳисоботӣ;
к) барои ташкилотҳое, ки супорандаи андоз аз даромад ё ҳамтои он мебошанд, қабул ё эълон шудани тағйирот дар меъёрҳои андоз ё қонунгузории андоз пас аз санаи ҳисоботӣ, ки ба андозҳои ҷорӣ ва андозҳои мавқуф гузошташуда таъсири назаррас мерасонанд;
л) ба дӯш гирифтани уҳдадориҳои назаррас ё уҳдадориҳои шартӣ, масалан, ҳангоми додани кафолатҳои калон пас аз санаи ҳисоботӣ;
м) оғоз гардидани мурофиаи судии калон, ки пурра ба рӯйдодҳои пас аз санаи ҳисоботӣ вобаста мебошад.

Агар таъсири молиявии рӯйдодҳоро боэътимод муайян кардан ғайриимкон бошад, ташкилот бояд ин далелро бо шарҳи сабабҳо ифшо намояд.

**Санаи мавриди амал қарор додан**

24. Ташкилот бояд ин стандартро нисбат ба ҳисоботи молиявии солонае татбиқ намояд, ки аз 1 январи соли 2027 ё пас аз он оғоз мегарданд. Татбиқи бармаҳал тавсия дода мешавад.